**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

**«26» 06 соли 2024** **ш. Душанбе**

Диссертатсияи номзадии Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» яке аз мавзуҳои мубрами самти забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба шумор меравад. Зеро тадқиқоти муқоисавии истилоҳоти соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо сабаби инкишофи босуръати истилоҳоти ин забонҳо рӯз то рӯз аҳамияти хосса пайдо намуда истодаанд. Бахусус, он дар забони тоҷикӣ ба туфайли рушди соҳаи сайёҳӣ дар давом сию ду соли Истиқлолияти давлатӣ баръало ба чашм мерасад.

Инчунин мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳо дар соҳаи илм аксари истилоҳоти илмӣ тавассути нашри луғатҳои нави соҳавӣ тадвин ва танзим шуда истодаанд ва раванди истилоҳофаринӣ, аз ҷумла истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар ҳарду забон ҳоло ҳам идома дорад ва дар ҳоли рушд аст, ки аз мубрамияти мавзӯи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Навгонии илмиу таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ бори аввал хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти мансуби сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар асоси маводи фарҳангҳои соҳавӣ, осори таърихӣ, илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва расонаҳои ахбори омма мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода шудааст. Истилоҳоти мансуби сайёҳӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикиву англисӣ ҷойгоҳи хосаеро касб намуда, вижагиҳои сохториву семантикии онҳо бори нахуст таҳқиқ мегарданд. Иқтибосшавии истилоҳоти сайёҳӣ аз забонҳои мухталиф дар фаслҳои ҷудогонаи диссертатсия низ бозтоб шудаанд. Ба хусусиятҳои луғавиву маъноии истилоҳоти сайёҳӣ таваҷҷуҳ гардида, бозтоби падидаҳои забонӣ, амсоли сермаъноиву

ҳамгуншавӣ ва муродифшавиву мутазодгардии онҳо таъйину муайян гардидаанд. Дар баробари ин, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти сермаҳсули мансуби сайёҳӣ анҷом дода шудааст.

Ҳангоми таҳқику баррасии хусусиятҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти сайёҳии забонҳои муқоисашаванда бештар ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Л.В. Виноградова, С. Д. Лотте, О.С. Ахманова, В.П. Даниленко, М. Шукуров, Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, Д. Саймуддинов, С. Сулаймонов, Д. Хоҷаев, О. Қосимов, С. Назарзода, М. Султон, С. Хоркашев, Ҳ. Саидов, С. Ҷоматов, А. Байзоев, Ш. Ҳаитова, С. Собирова, Д. Ҳайдарова, Ф. Баротов, Ш. Каримов, М. Ҷӯраева, Х. Ҷӯраев, Б. Ҷурақулов, М. Ғаниева ва дигарон такя карда шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва муқоисаи хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил медиҳад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми декабри соли 2017, тахти № 6/2.9 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Дар муқаддима сабаби интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, мавзӯъ ва мақсади тадқиқот таҳлил карда шудааст ва принсипу усулҳои таҳқиқ баррасӣ карда шудаанд.

Боби якум «Масъалаҳои назариявии омӯзиши истилоҳоти сайёҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз 5 фасл иборат аст. Дар он як қатор масаъалахо, аз ҷумла шарҳи мафҳуми истилоҳ дар сарчашмаҳои забоншиносӣ, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти сайёҳӣ дар сарчашмаҳои забоншиносӣ, таҳқиқу омӯзиши истилоҳоти сайёҳӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таснифоти мавзуии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ шудаанд.

Боби дуюм «Таҳлили сохтории истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар пояи усулҳои истилоҳсозӣ» номида шудааст. Ин боб аз 4 фасл

иборат аст. Дар он усулҳои сохтани истилоҳоти сайёҳӣ, ки онҳо усулҳои сарфӣ, наҳвию сарфӣ, наҳвӣ ва калимасозии семантикӣ мебошанд, ошкор карда шудаанд.

Боби сеюми рисола "Таҳлили луғавию маънoии истилоҳоти «сайёҳӣ» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ном дошта, дар он масоили сермаъношавии истилоҳоти сайёҳӣ, ҳамгуншавии истилоҳоти сайёҳӣ, мутазодшавии истилоҳоти сайёҳӣ ва мавқеи истилоҳоти сайёҳии иқтибосӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 14 банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таҳққиқ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳкиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст. Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Сафаров Аскарҷон Шарифович дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаккиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**2.1. Тураҳасанов Шодиқул Қодирқулович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

**2.2. Маҳмадалиев Фарух Муродалиевич** – номзади илмҳои филологӣ, кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара;

3.Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод карда мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мухторов Зайниддин Мухторович

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Нурхон

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов Парвонахон

«26» 06 соли 2024